# ҚАРОРИ

## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 07 марти соли 2024 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ – иҷтимоӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи ДМТ **Маҳмадизода Нозим Давлатмурод**), тақризи мусбати муассисаи пешбар - Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои фалсафа, профессор Қаҳҳоров Ғ.Ғ., инчунин, баромади мутахассисон доир ба мавзуи баррасишаванда ва муқарризони ғайрирасмӣ: доктори илмҳои фалсафа, профессор Саид Н.С, доктори илмҳои фалсафа, профессор Муҳаммадалӣ М., доктори илмҳои фалсафа, профессор Диноршоева З.М, доктори илмҳои фалсафа, Ҷононов С ва доктори илмҳои фалсафа Муминов А.И. дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи Шуро оид ба диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур, дурустии навгониҳои илмӣ, аҳаммиятнокии хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ – иҷтимоӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоноид оид ба диссертатсияҳои илмӣ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 с. таҳти №267 тасдиқ шудаанд, мебошад;

2. Маводи чопнамудаи маллиф пурра мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд;

3. Муллоботур Муллобаҳодур бо дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ сарфароз гардонида шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Муллоботур Муллобаҳодур бо дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қабули ҳамин қарори Шурои диссертатсионӣ аст, хоҳишмандам мавқеашро муайян намояд. Зид – нест, бетараф – нест. Якдилона қабул мешавад.

Иҷозат диҳед диссертантро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик намоям ва аъзои Шуроро барои фаъолияти бобарор ташаккур гӯям. Бо ҳамин ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон карда мешавад.

Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа., профессор — Ахмедов С.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа — Муминов А.И.

07 марти соли 2024